ТДУ: 338.1.007.2.

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНФРАСОХТОРИ МУҲАНДИСӢ ВА МОҲИЯТИ ИЛМИВУ ИҚТИСОДИИ ИНФРАСОХТОР

**Ғоибов Бахтовар Исроилович**

**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**

**Калимаҳои асосӣ:** *инфрасохтор, мафҳум, рушд, таҳқиқот, рақобатпазирӣ, фаъолияти бозоргонӣ, ҳадаф, рушди иқтисодӣ, ҳудуди деҳот, иқтисодиёти деҳот.*

Инфрасохтор яке аз омилҳои калидии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон ба ҳисоб рафта, бе набудани он мавҷудияти фаъолияти ҳаррӯзаи иқтисодиро тасаввур кардан мумкин нест ва он мақсади сектори иқтисодиро худ ба худ таъсис дода, дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як шахс мавқеи муҳимро мебозад.

Мафҳуми инфрасохтор нахустин маротиба дар адабиёти иқтисодӣ солҳои 40 - уми асри XX аз забони аврупоӣ ворид шудааст. Аммо, дар забони англисӣ бошад имлои инфрасохтор дар солҳои 1925 - 1930 мавриди истифода қарор дошт ва нахустин маротиба онро дар соҳаи ҳарбӣ истифода менамуданд, ки он маънои маҷмӯи иншоотҳои ёрирасонро мефаҳмонид, ки дар амалиётҳои ҳарбӣ лозим мегардиданд. [12]. Ба мисли ҳамин мафҳум ҳанӯз солҳои ҷанги якуми ҷаҳон низ калимаи инфрасохтор ба таври васеъ истифода мешуд. Дар навбати худ дар имлои англисӣ калимаи инфрасохтор аз калимаи фаронсавӣ соли 1875 гирифта шуда, онро дар самти лоиҳакашии роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан ҳангоми пур кардани тарҳи он истифода карданд [8].

Миёни ҳамаи забонҳои аврупоӣ калимаи инфрасохтор решаи чуқур дошта, сарчашмаи пайдоиши он аз калимаи лотинии «infra» - поён, ва «structura» - сохтор, маскан, таъсис дода шудааст. Ҳоло фарқияти на он қадар зиёд дар миёни имлои инфрасохтор ба назар мерасад. Ҳамин тавр, мавҳуми оммафаҳми инфрасохтор маҷмӯи ташкилот, корхона, системаи идоракунӣ ва ғайра, ки дар раванди фаъолияти ҷамъят ба ягон самт хизмат мерасонад [12]. Ҳамзамон, мафҳуми мазкур ҳамоҳанг карда шудааст, ки ҳангоми истифодаи он дар луғат ягон монандии маъногӣ монеа намегардад. Алаев Э.Б. қайд менамояд, ки мафҳуми инфрасохтор хело бой аст, аммо бо мафҳуми сохтор алоқамандие надошта, беҳтар мешуд онро ҳамчун инфрасистема истифода менамуданд, чунки одатан фарқ кардани ин ду мафҳум хело душвор аст [2].

Ғайр аз ин агар ҳиссачаи калимаи лотинии «инфра» бо ҳиссачаи русии «поён», «дар зери» мувофиқояд он гоҳ ҳиссачаи «структура» амиқан мафҳуми мавҷудияти ҷисмро пайдо менамояд [8].Ҳамин тавр ташхисҳои гузаронида исбот менамоянд, ки инфрасохтор аз ду система таъсис ёфтааст, ки нахуст системаи дараҷаи олӣ ва дар дараҷаи дуюм аргументи аниқро дар соҳаи иқтисодиёт мефаҳмонад. Нахустин маротиба проблемаи инфрасохторро дар конференсияи баргузоркардаи Институти молияи Москва, ки соли 1969 таҳти мавзӯи «Инфрасохтор ва нақши он дар рушди капиталистии муосир» амалӣ гашта буд, муҳокима намудаанд [9].

Тадқиқотҳои иқтисодии бахшидашуда ба проблемаҳои инфрасохтор таърихи хело калон дошта, аз рӯи хусусияти методҳои амалигашта онҳоро ба ду давра ҷудо намудан мумкин аст:

1. Коркард ва тарҳрезии лоиҳаи ибтидоии инфрасохтор дар шароити гурӯҳиву административии иқтисодиёт, ки дар асоси нақшаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди давлатӣ таъсис дода мешавад [12];

2. Омӯзиши инфрасохтор дар шароити муносибати бозоргонӣ «рақобатпазирӣ, озодии фаъолияти бозоргонӣ».

Бо ҳаҷми бениҳоят калони маҷмӯи маълумоти назариявӣ оид ба проблематикаи рушди инфрасохтор, мафҳуми «инфрасохтор» то ҳанӯз ба пуррагӣ мақоми худро пайдо накардааст. Инфрасохтор ин ҳамон муҳити лозимии бозоргонӣ бо назардошти элементҳояш, ки дар он ҷо диққати ҳамаи субъектҳои иқтисодиёти бозоргонӣ маҳсулнок татбиқ мегардад [1].

Дар ҳамин маънидодҳо ақидаи Боева Н.Х. ро қайд кардан ба маврид аст, ки «Инфрасохтор» ин асос, фундамент, системаи иқтисодии дохилӣ, ки дар шароити бозоргонӣ ҳамчун як зерсистемаи мустақили маҷмуи шаклҳои корхонаҳову муассиса ва ташкилотҳое мебошанд, ки ба бозор хизматрасонӣ менамоянд [4].

Набудани ҳадафи ягона барои муайянсозии сохтори комплекси инфрасохтор ба набудани методикаи омории расмии ҳисобкунандаи нишондоди рушди инфрасохтор ва саҳми он дар даромади давлатӣ оварда мерасонад, ки ба мутахассисон ҳангоми таъмин намудани маълумот оид ба натиҷа монеа мегардад.

Дар адабиёти иқтисодӣ ду ҳадафи омехтаи муайянкунии инфрасохторро дучор шудан мумкин аст:

1. Аз рӯйи нуқтаи назари моддиву материалӣ инфрасохторро ҳамчун маҷмуи объектҳо (иншоот, бино, шабака ва ғ) қабул менамоянд. Масалан, Э.Б. Алаев инфраструктураро ҳамчун «Ҳамоҳангии иншоотҳои амалкунанда, биноҳо, шабака ва системаҳое, ки ғайримустақим дар раванди истеҳсоли ашё истифода мешаванд, аммо барои раванди истеҳсолот муҳиманд» муаррифӣ менамояд [3];

2. Аз рӯйи нуқтаи назари соҳавӣ бошад, инфрасохторро ҳамчун комплекси соҳаҳои алоқаманд муаррифӣ менамоянд. В.Н. Стаханов қайд менамояд, ки «инфрасохтори комплексӣ ин системаи динамикӣ, ки дар натиҷаи интегратсияи соҳаҳои хоҷагии халқ ва намудҳои фаъолияти гуногун барои беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва истеҳсолот истифода мешавад» [13].

Ҳарду ҳадафи мазкур ба ҳамдигар зидмаъно ё муқобили мафҳум ба ҳисоб намераванд. Баръакс, ҳангоми таҳлили онҳо як мақсади муайян пайдо мегардад, ки барои исботи он, ки дар раванди омӯзиши инфрасохтори предмети таҳқиқот на танҳо объектҳои материали истифода мешаванд, балки муносибати иҷтимоӣ низ хело лозим мешавад, кумак мерасонад.

Хусусиятҳои хоси қисматҳои инфрасохтор пайдоиши маҳсулнокии мусбии беруна ба ҳисоб рафта, ҳангоми афзудани даромади корхонаҳову ташкилотҳои инфрасохтордор пайдо нашуда, балки ҳангоми таназзули истеҳлок ва афзоиши маҳсулнокии соҳаҳо, ки аз хизматрасонии он истифода менамоянд, ба амал меояд. Маҳз ҳамин унсур мураккабияти баҳодиҳии маҳсулнокии мавҷудияти инфрасохторро асоснок менамояд, ки на танҳо дар асоси муносибатҳои хусусияти объектҳои инфрасохтор муайян карда мешавад, балки дар бисёр ҳолат аз рӯйи таъсисррасонии онҳо ба рушди истеҳсолот ва иқтисодиёти он муайян мегардад [6].

Эдвард Грамлич диққати худро ба муҳимияти муайянсозии мафҳуми «Инфрасохтор» ва дар оянда истифодабарии он равона карда чунин таҳлил намудааст, ки инфрасохтор ин «Воситаҳои асосии материалии сектори иқтисодиёти давлатӣ» [5].

Дар ҳисоботи Бонки умумиҷаҳонӣ «Ҳисобот оид ба рушди ҷаҳонӣ: инфрасохтор ва рушди он» оид ба инфрасохтор чунин элементҳоро мефаҳмонад:

- хоҷагии коммуналӣ-энергетика, алоқа, обтаъминкунӣ, канализатсия, ҷамъоварӣ ва нобуд сохтани партовҳои дурушт, хатти таъминоти газ;
- иншоотҳои муҳандисӣ-роҳҳо, платинаҳои (пешбанд, дамб) бузург, шабакаҳои ирригатсионӣ ва каналҳои заҳкаш;
- дигар соҳаҳои нақлиёт-нақлиёти роҳи оҳани шаҳрӣ ва байнишаҳрӣ, нақлиёти шаҳрӣ, портҳо ва роҳҳои обӣ, фурудгоҳ. Аз рӯи нуқтаи назари иқтисодчиёни Бонки умумиҷаҳонӣ мафҳуми инфрасохтор дар маҷмӯъ «Капитали ба инфрасохтор гузаронида шуда», ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлили таърифҳои сершумори моҳияти инфрасохтор барои баровардани чунин хулоса имкон медиҳад: инфрасохтор шарти моддии ҷойгир намудан ва амалкарди тамоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва фаъолияти муътадили ҳаётии аҳолӣ мебошад. Вале чунин таъриф, бо вуҷуди усулан дуруст будан, ҳамзамон барои тавсифи пурраи инфрасохтор чун объекти таҳқиқ кофӣ нест:

- аз бисёр таърифҳо муайян кардан душвор аст, ки инфрасохтор кадом доираи соҳаҳоро, ки тибқи таъиноти вазифавии худ ягонаанд, дарбар мегирад;
- ба инфрасохтор дохил кардани соҳаҳои ёрирасон ва иловагии истеҳсолот ҳудудгузориро байни истеҳсолоти асосӣ ва инфрасохтор душвор мегардонад, зеро аз ин таърифҳо фаҳмидан душвор аст, ки таҳти мафҳумҳо соҳаҳои ёрирасон ва иловагӣ чӣ дар назар дошта мешавад;

– набудани ҳудудгузорӣ байни мафҳумҳои «инфрасохтори иҷтимоӣ», «соҳаи хизматрасонӣ» ва «соҳаи ғайриистеҳсолӣ» имкон намедиҳад, ки моҳияти инфрасохтори муҳандисӣ, доираи соҳаҳои ба он дохилкардашуда ба таври возеҳ муаяйн карда шавад.

Инфрасохторро ба ду қисмат тақсим намудан мумкин аст, ки яке инфраструкутраи истеҳсолӣ ва дигаре инфраструктураи иҷтимоӣ мебошанд. Ҳамин тавр ба инфраструкутраи истеҳсолӣ роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан, нақлиёти обӣ, ҳавоӣ, хатти таъминоти обу газу барқ, алоқа ва шабакаи хизматрасонии иттилоотӣ дохил карда мешаванд. Ба инфраструктураи иҷтимоӣ бошад объектҳои солимнигоҳдорӣ, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва ғ дохил мешаванд.

Инфраструкутраи истеҳсолӣ ҳамчун як намуди инфраструктура яке аз функсияҳои муҳими пайдоиш ва таъмин намудани алоқамандии мустаҳкамро миёни субъектҳои хоҷагидорӣ иҷро менамояд, ки рушд, афзоиш, барқароршавии раванди маҳсулнокии истеҳсолот ба он алоқаманд аст.

Инфраструктураи истеҳсолӣ як қатор хусусият ва нишонаҳои хос дорад, ки имкон медиҳанд то сохтори онро дақиқтар муайян намоем, ки дар оянда барои ташхис ва корҳои тадқиқотӣ хело муҳиманд:+

1. Хусусияти таъминкунӣ, ёрирасон ва иловагӣ нисбати истеҳсолоти асосӣ, ки дар мафҳумҳои асосии дар боло зикргардида қайд шудааст. Ҳамин тавр, В.П.Красовский қайд менамояд, ки «Инфраструктура маҳсулотро дар шакли материал истеҳсол наменамояд, аммо, танҳо барои истеҳсоли он шароит фароҳам меоварад» [7];
2. Хусусияти нақдии «маҳсулнокии берунии» мусбӣ, ки ҳангоми гардиши воситаҳои истеҳсолӣ, моливазкунӣ миёни истеҳсолкунандагон барои паст кардани истеҳлок ва арзиши дастраскунии маводи истеҳсолӣ назорат карда мешавад;
3. Хусусияти бузургии ҳаҷми фонд ва сермаблағ будани объектҳои инфраструктуравии дарозмуҳлат иҷрошаванда ва азхудкунии маблағ;
4. Аз як тараф «хусусияти дуюмдараҷа доштан нисбат ба раванди истеҳсолот». Аз тарафи дигар, инфрасохтор метавонад хусусияти пешсаф дар таъсис ва рушди истеҳсолот боқӣ монад;
5. Хусусияти территориявӣ. Инфрастори истеҳсолӣ ба ягон территорияи муайян васл карда мешавад, ки коммуникатсияро дар ҳудуди дохилии мавқеи таъиншуда таъмин менамояд;
6. Истифодабарии хизматрасонии инфрасохторӣ дар як вақт аз тарафи якчанд истифодабарандагон ва пайвастагии он бо якчанд соҳаҳои хоҷагидорӣ.

Ҳамин тавр мафҳуми инфрасохтори истеҳсолиро чунин шарҳ додан мумкин аст: инфрасохтори истеҳсолӣ - ин комплекси элементҳои ба ҳам алоқаманди хоҷагии халқ, ки шароити берунии раванди истеҳсолотро таъмин менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Абдулкодиров Х.А. Механизм совершенствования рынка в Республике Таджикистан – Худжанж – 2012. – с.74
2. Алаев Э. Б. Экономико-географическая терминология. М.: Мысль, 1977. С. 111.
3. Алаев Э.Б. Социально-экономическая география. Понятийно-терминологический словарь. – М.: Мысль, 1983. – 350 с.
4. Баева Н.Х. Формирование рыночной инфраструктуры в агропромышленном комплекс Республики Таджикистан, автореф. дис. канд .эк. наук: 08.00.05.
5. Всемирный банк. Доклад о мировом развитии за 1994 год: инфраструктура для развития. Вашингтон, - 1994.
6. Грамлич Э. Инфраструктурные инвестиции: Обзорный очерк // Журнал экономической литературы, - 1994. т. 32(3). - С. 96.
7. Красовский В.П. Инфраструктура и интенсификация экономики. – М.: Наука, 1980. – 192 с.
8. Кузнецов С. А. Большой толковый словарь русского языка. СПб.: Норинт, 2000. ISBN 5-7711-0015-3. С. 397.
9. Носова С. С. Инфраструктура в системе общественного производства. М.: МИНХим. Г. В. Плеханова, 1982. С. 4.
10. Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития транспортной инфраструктуры / Р.К. Раджабов; под ред. А.Х. Катаева. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 187 с.
11. Самандаров И.Х. Формирование и эффективное функционирование социальной инфраструктуры села (теория и методология). – Душанбе, 2004. – с. 60-61

12. Солюс Г. П. Инфраструктура. Большая советская энциклопедия. 3-е издание. М.: Советская энциклопедия, 1972. Т. 10. С.361.
13. Стаханов В.Н. Экономика инфраструктуры общественного производства: Учебное пособие. – Ростов-на-Дону: РИСХМ, 1989. - 130 с.

## АННОТАЦИЯ
## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИНЖЕНЕРНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ И НАУЧНО-ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ ИНФРАСТРУКТУРЫ

В статье рассматриваются теоретические основы инфраструктуры и ее научно-экономическая сущность. Автор подробно рассмотрел историю павидона, суть инфраструктуры и смешанную цель ее определения. Противоречие исследователей было подчеркнуто с теоретической и практической точек зрения на различные аспекты современных исследований развития инфраструктуры в сельском хозяйстве, и конкретных результатов.

***Ключевые слова:*** *инфраструктура, концепция, развитие, исследование, конкурентоспособность, рыночная деятельность, цели, экономическое развитие, сельской местности, сельская экономика.*

## ANNOTATION
## THEORETICAL BASIS OF ENGINEERING INFRASTRUCTURE & AN ECONOMIC-SCIENTIFIC ESSENCE OF INFRASTRUCTURE

The article examines the theoretical foundations of infrastructure and its scientific and economic essence. The author examined in detail the history of the pavidon, the essence of the infrastructure and the mixed purpose of its definition. The contradiction between the researchers was highlighted from a theoretical and practical point of view on various aspects of modern research on the development of infrastructure in agriculture and specific results.

***Key words***: *infrastructure, concept, development, research, competitiveness, market activity, aims, economic development, rural areas, rural economy.*

**Сведение об авторе:**
**Гоибов Бахтовар Исроилович,** старший препадователь кафедры геодезии и геоинформатики Таджикского аграрного университета им. Ш. Шоҳтемур. 734003, Таджикистан, г.Душапбе, пр.Рудаки, 146. Телефон: (+992) 934780019, E-mail. isroilzoda.bakhtovar@gmail.com.